# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Комилова Камила Наврузовна дар мавзӯи “Такмили стратегияи маркетингии рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи муосир” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.26. – Маркетинг)**

аз 19 майи соли 2026 ш. Душанбе

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар ҳайати: Аминов И., д.и.и., профессор – раиси комиссия, Фақеров Ҳ.Н., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор – аъзои комиссия; Исмоилов А.А., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент – аъзои комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Комилова Камила Наврузовна **хулосаи** зеринро қабул намуд:

1. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Комилова Камила Наврузовна дар мавзӯи “Такмили стратегияи маркетингии рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи муосир” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.26. – Маркетинг) мубрам ва рузмарра буда, таҳқиқоти илмии батмомрасида ҳисобида мешавад, ки он ҳалли масоили афзалиятноки илмӣ-назариявӣ ва ташкилӣ-методии равандҳои асосии ташаккул ва рушди стратегияи маркетингиро дар бонкҳои тиҷоратӣ дар бар гирифтааст.

Такмили стратегияи маркетингии рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити имрӯза аҳамияти махсус дорад, зеро низоми бонкӣ яке аз пояҳои асосии рушди иқтисоди миллӣ, гардиши сармоя, дастгирии соҳибкорӣ ва баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии молиявӣ ба аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити рақобати шадид, ҷаҳонишавии бозорҳои молиявӣ, рушди технологияҳои рақамӣ ва тағйирёбии талаботи муштариён, бонкҳои

тиҷоратӣ наметавонанд танҳо бо усулҳои анъанавии хизматрасонӣ фаъолияти самаранок дошта бошанд.

Мубрамияти таҳқиқот пеш аз ҳама бо зарурати таҳияи стратегияҳои муосири маркетингӣ вобаста аст, ки ба ҷалби муштариёни нав, нигоҳдории муштариёни доимӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, рушди маҳсулоти инноватсионии бонкӣ ва тақвияти мавқеи рақобатии бонкҳо мусоидат менамоянд. Дар даврai муосир истифодаи маркетинги рақамӣ, таҳлили рафтори муштариён, сегментатсияи бозор, брендинг, хизматрасонии фосилавӣ ва идоракунии муносибат бо муштариён ба омилҳои муҳимтарини рушди устувори бонкҳои тиҷоратӣ табдил ёфтаанд.

Ҳамзамон, дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ як қатор мушкилот, аз ҷумла нокифоя будани татбиқи технологияҳои маркетингӣ, сатҳи пасти омӯзиши талаботи бозор ва рақобати афзоянда, маҳдудияти маҳсулоти инноватсионӣ, номукаммалии сиёсати коммуникатсионӣ ва зарурати баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ мушоҳида мегардад. Ин ҳолат зарурати омӯзиши амиқи масъалаҳои такмили стратегияи маркетингии бонкҳои тиҷоратиро ба миён меорад.

Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзӯи диссертатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Комилова К.Н. барои муайян намудани роҳҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти маркетингии бонкҳо, таҳкими рақобатпазирии онҳо, беҳтар намудани сифати хизматрасонии молиявӣ ва таъмини рушди устувори низоми бонкӣ аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ дорад.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи Шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295) иҷро гардидааст. Диссертатсия дар шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар давоми солҳои 2019-2025 ба итмом расонида шуда, дар ҷаласаи васеи шуъбаи тадқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷӣ ва шуъбаҳои тадқиқоти рушд ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунандаи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба ҳимоя тавсия дода шудааст (суратҷаласаи №5 аз 26.09.2025).

3. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 32 ва 33-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи маркетинг ба шумор меравад, диссертатсия бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

4. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба Шиносномаи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.26. – Маркетинг), ки вобаста аз он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03-юми апрели соли 2023 (№63/шд) ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, таҳти №10 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

5. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки аз онҳо 2 мақола дар алоҳидагӣ (талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295) дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба чоп расидаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳод намудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

6. Дараҷаи асолати матни диссертатсия ва автореферати пешниҳодгардида ба меъёрҳои талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд, маводи муаллифони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

7. Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ гардидааст, комиссия пешниҳод менамояд:

1). Диссертатсияи Комилова Камила Наврузовна дар мавзӯи "Такмили стратегияи маркетингии рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи

муосир” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.26. – Маркетинг) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2). Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи славянии Руссияву Тоҷикистон, аъзои шурои диссертатсионии 6D.KOA-063;

- Худоёров Шаҳриёр Худойқулович – номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

3). Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон таъин карда шавад.

4). Барои гузоштани эълони ҳимоя, интишори диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ,**
**д.и.и., профессор** **Аминов Иномҷон**

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**

**д.и.и., профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**н.и.и., дотсент** **Исмоилов А.А.**